ПРОТОКОЛИ №21

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-095 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз 26 – уми сентябри соли 2026 шаҳри Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 14 нафар,
аз рӯйи ихтисос 4 нафар

26-уми сентябри соли 2026, соати 10^{00} дар толори шурои олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003. шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-095 баргузор гардид. **Вақти анҷоми ҷаласа:** соати 12^{15}

Раиси шуро: доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Маҳмадёрзода Усмон Маъмур.

Котиби илмӣ: номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Боймуродов Рӯзимурод Бобокалонович.

Раис: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2025 фармоиши №175/шд, тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузурии аъзои шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа 14 нафар аъзои шуро иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд ва бо сабабҳои узрнок, аъзои шурои диссертатсионӣ, д.и.к., Аминов Шариф Разоқович ва д.и.к., профессор Салимзода Амонулло Файзулло иштирок надоранд.

Ҳамин тавр, аз се ду ҳиссаи аъзои шуро ҳузур доранд ва шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки ба кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям овоз диҳад. Кӣ тарафдор? Тарафдор – 14 нафар. Муқобил – нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи такрории ошкорои диссертатсияи Саидзода Рамазон Абдураҳим дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Диссертатсия дар кафедраи биохимияи тиббӣ, дорусозӣ ва тибби рақамии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Роҳбари илмии довталаби дараҷаи илмӣ **Норов Мастибек Самадович** - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи зироаткорӣ ва истеҳсоли хӯроки чорвои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур мебошад.

Муқарризони расмӣ:

Пулатов Яраш Эргашевич - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, сарходими илмии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Резмонова Қурбоной Шарифовна - номзади илмҳои кишоварзӣ, омӯзгори кафедраи биологияи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Муассисаи пешбар - Маркази миллии захираҳои генетикии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

БАРОМАД НАМУДАНД:

1. Раиси шуро: доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Маҳмадёрзода Усмон Маъмур.

2. Котиби илмии шуро: номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Боймуродов Рӯзимурод Бобокалонович.

3. Унвончӯ: Саидзода Рамазон Абдураҳим.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзоёни шуро, докторони илмҳои кишоварзӣ Гулов Сайдалӣ Мамурович, Каримов Музафар, Қодиров Қобил Ғафурович, Саидзода Раҳмон Фатҳулло, Нарзулоев Тош Садулоевич, Асозода Нуралӣ Маҳмадулло, Бобохонов Рустам Сатторович ва Набиев Толиб ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвончӯ Норов Мастибек Самадович - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи зироаткорӣ ва истеҳсоли хӯроки чорвои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур шунида шуд.

Баромади муқарризони расмӣ:

Пулатов Яраш Эргашевич - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, сарходими илмии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Резмонова Қурбоной Шарифовна - номзади илмҳои кишоварзӣ, омӯзгори кафедраи биологияи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Асозода Нуралӣ Маҳмадулло – доктори илмҳои кишоварзӣ;

2. Набиев Толиб – доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор;

3. Нарзулоев Тош Садулоевич - доктори илмҳои кишоварзӣ;

4. Қодиров Қобил Ғафурович - доктори илмҳои кишоварзӣ;

5. Маҳмадёрзода Усмон Маъмур – доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он се нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – Саидзода Раҳмон Фатҳулло, Султонова Мавҷуда Ҳасановна ва Ташпулатов Муҳаммади Маҳматқулович интихоб гардиданд.

Аз 14 нафар аъзои шуро, ки дар ҷаласа ҳузур доштанд, дар бахши овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуданд: аз инҳо 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия мебошанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор - нест.

Аъзои шурои диссертатсионӣ тариқи овоздиҳӣ протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Саидзода Рамазон Абдураҳим додани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ қабул гардид.

ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-095 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз 26-уми сентябри соли 2026 шаҳри Душанбе

Суханронии Саидзода Рамазон Абдураҳим дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, тақризи муассисаи пешбар – Маркази миллии захираҳои генетикии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, суханронии муқарризони расмӣ: Пулатов Яраш Эргашевич - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, сарходими илмии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Резмонова Қурбоной Шарифовна - номзади илмҳои кишоварзӣ, омӯзгори кафедраи биологияи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, докторони илмҳои кишоварзӣ, профессорон: Асозода Н.М., Набиев Т., Нарзулоев Т.С., Қодиров Қ.Ғ. ва Маҳмадёрзода У.М. - ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Саидзода Рамазон Абдураҳим

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Саидзода Рамазон Абдураҳим дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Саидзода Рамазон Абдураҳим дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ дода шавад.

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои кишоварзӣ ба Саидзода Рамазон Абдураҳим аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор - 14 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Маҳмадёрзода У.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Боймуродов Р.Б.

Имзоҳои Маҳмадёрзода У.М. ва Боймуродов Р.Б. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

26-уми сентябри соли 2026